Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Масъуд Мумин дар мавзуи «Сиёсати фарҳангӣ ва хусусиятҳои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ)

Сиёсати фарҳангӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ба шумор рафта, ба ҳифзи ҳувияти миллӣ, рушди иқтидори маънавии ҷомеа ва ҳамгироӣ ба фазои фарҳангии ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фарҳангӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Баъди пошхӯрии Иттиходи Шуравӣ эҳёи хотираи таърихӣ, рушди фарҳанги миллӣ ва ташаккулдиҳии худшиносии миллӣ оғоз гардид. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ рух дод, ки ба раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ то андозае таъсири манфӣ расонид. Дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва афзоиши ҳуҷумҳои иттилоотӣ раванди таҳмил намудани фарҳанги бегона ва тақлид аз фарҳанги ғайр зиёд ба назар мерасад. Миллати тоҷик дорои таърихи бою пурғановат ва тамаддуни қадимӣ мебошад. Аммо дар замони шуравӣ қисме аз арзишҳои фарҳангии миллат зери таъсири идеологияи коммунистӣ маҳдуд карда шуда, ба таври расмӣ эътироф намегардиданд. Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо масъалаи эҳёи арзишҳои фарҳангӣ, балки дар шароити нави давлатдорӣ аз сари нав дида баромадани он ба миён омад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии соҳахои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ омилҳои таъсиррасон ба фарҳанги миллӣ бамаротиб афзоиш меёбанд. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки сиёсати фарҳангии худро ба шароити навин мутобиқ созад. Мубрамии таҳқиқи мавзуи интихобнамудаи довталаб, пеш аз ҳама, бо зарурати таҳқиқи масъалаҳои номбаргардида асоснок карда мешавад.

Дар таҳқиқи анҷомдодаи муаллиф асосҳои назариявию методологии сиёсати фарҳангӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, дар ин раванд доираи васеи адабиёти илмиро истифода бурдааст. Дар кори илмии худ муаллиф ба ташаккули сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи амалии он диққати махсус зоҳир намудааст. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар баробари муваффакиятҳои дар ин соҳа бадастомада муаллиф дурнамои рушди сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ таҳқиқ намудааст.

Яке аз қисмҳои ҷолиби диққат асосҳои методологии таҳқиқот мебошад. Бояд гуфт, ки натиҷаи ҳар як таҳқиқот аз он вобастааст, ки методҳои таҳқиқотӣ чи гуна интихоб мегарданд ва барои омӯзиши мавзуи интихобшуда онҳо то

кадом дараҷа мувофиқат менамоянд. Ба андешаи мо, бо дарназардошти хусусиятҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ, методҳои интихобгардида барои омӯзиши сиёсати фарҳангӣ мувофиқанд. Ҷолиби диққат ин аст, ки муаллиф тарзи истифодаи методҳои мазкурро тавсиф намудааст ва мувофиқати онҳоро низ нишон додааст, ки чунин навъи кор барои муҳаққиқони дигар хеле аҳамиятнок мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, бо сохтори таҳқиқот пурра мувофиқат менамоянд. Зеро таҳқиқоти мазкур аз се боб ва шаш зербоб иборат буда, вобаста ба ҳар як зербоб мақсадгузорӣ, навоварӣ ва нуктаҳои муҳим нишон дода шудаанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки таҳқиқоти Сулаймонзода М.М. аҳамияти зиёди илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Аҳамияти илмию назариявии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқи сиёсати фарҳангӣ доираи васеи адабиёти илмиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар заминаи баррасии онҳо моҳияти ин навъи сиёсати давлатиро нишон додааст. Инчунин хулосаҳои муаллиф бо дарназардошти таҳлилҳои илмию назариявӣ ба даст омадаанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди омӯзиши сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор дода, дар баробари муваффақиятҳои дар ин соҳа баамаломада, инчунин дурнамои рушди онро нишон додааст. Вобаста ба рушди минбаъдаи сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат мебошанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот дар ҳафт мақолаи илмию таҳқиқотии муаллиф инъикос гардидаанд. Ҳамаи нашрияҳои муаллиф бевосита ба мавзуи таҳқиқотии ӯ алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмуъ, мазмун, мундариҷа ва муҳтавои автореферат паҳлуҳои асосии таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд. Мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дар омӯзиши ин масъала саҳми зиёд гузоштааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ барои илмҳои сиёсӣ аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. *Дар баробари ҳамаи ин агар довталаб дар таҳқиқоти илмии худ ба масъалаи нақши сиёсати фарҳангӣ дар таъмини амнияти иттилоотию маънавии ҷомеа диққат дода, онро дар зербоби алоҳида таҳқиқ менамуд, муҳтавои кори илмии муаллиф боз ҳам боло мерафт.* Аммо ба ин нигоҳ накарда, кори илмии довталаб дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти Сулаймонзода Масъуд Мумин дар мавзуи «Сиёсати фарҳангӣ ва хусусиятҳои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарназардошти муқаррароти низомнома ва дастурамали Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои муҳаққиқони ҷавон хеле аҳамиятнок буда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии он дар ҳалли масъалаҳои ҷойдошта хеле муфид мебошад. Методҳои илмии истифодагардида, адабиёти омӯхташуда, натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори он ба ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамоянд. Инчунин гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур дар сатҳи илмӣ омода гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир, ки дурнамои рушди мамлакатро ифода менамояд, бахшида шудааст. Саҳми муаллиф дар омӯзиши мавзуи интихобгардида баръало эҳсос мегардад. Хулосаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳои амалӣ ва нашрияҳои чопнамудаи муаллиф шаҳодат аз он медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ) мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Якубзода Ф.Н.

Имзои Ф.Н. Якубзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муқарриз:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров, 16.
Тел.: +992 988208862
E-mail: firuz_politik@mail.ru

24.04.2026